Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004
дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Далатов Сорбон Назирмадович дар мавзӯи: «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (менеҷмент) пешниҳод шудааст**

Дар замони муосири рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандагии рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ яке аз самтҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таъмини самтҳои самаранокии ташкил ва идораи сармояи инсонӣ як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст. Новобаста ба ин аз ҷиҳати сохт ва таркиб, принсипҳои ташкилӣ ва идоракунӣ сармояи инсонӣ ҷараёни хело мураккаб буда, асосҳои назариявию амалии равандҳои муосири он, аз ҳоло то андозае ба тариқи пурра омӯхта нашудааст ва иҷро намудани таҳқиқоти назариявию амалиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ актуалӣ будани мавзӯи рисолаи илмии Давлатов С.Н. бамаврид аст.

Таҳлили автореферат нишон дод, ки дар он мақсад, вазифа ва самтҳои таҳқиқот дар рисолаи тақризшаванда мувофиқ бо масоили хосе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст баррасӣ шуда, муаллиф аз ӯҳдаи иҷрои онҳо аз ҷиҳати назариявию амалӣ хело хуб баромадааст.

Яке аз навгониҳо ва бартарии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф бештар ба омӯзиши вазъи ҳозираи таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ диққати асосӣ дода, ҳамзамон раванди истифодаи таҳсилоти бефосилаи касбиро ҳамчун самти афзалиятнок пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин муаллиф дуруст пешниҳод менамояд, ки механизми рушди унсурҳои ташкилдиҳандаи сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт зарур аст ва барои амалӣ шудани он аз ҳамаи имкониятҳо бояд истифода намуд.

Ҳамзамон муаллиф омӯзиши ҳамаҷонибаи сармоягузориҳоро барои рушди сармояи инсонӣ ба сомон расонидааст, ки ин дорои аҳамияти беназир дорад.

Пешниҳоди муаллиф ҷиҳати идоракунии самараноки неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти баҳодиҳии хусусиятҳои он боиси дастгирӣ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо автореферат аз баъзе камбудиҳо холӣ нест. Дар автореферат ба тариқи пурра масоили марбут ба инкишофи сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари илмӣ баҳо дода нашудааст. Инчунин, новобаста аз он, ки муаллиф дар рисола ба идоранамоии самараноки неруи инсонӣ ҷаҳд намудааст, аммо пешниҳоди механизми мушаххаси идоракунии ин неру ба чашм намерасад. Ба ақидаи мо эродҳои пешниҳодшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии таҳқиқоти муаллиф таъсир намерасонанд.

Автореферат ва корҳои чоп намуда таркиби рисоларо дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯ, қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсияи Давлатов Сорбон Нарзимадович дар мавзӯи: «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (менеҷмент) пешниҳод шудааст ба пуррагӣ ба талаботҳои Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло оварда шуда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи молия**
**ва қарзи Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон** **Раҷабов Раҷаб Кӯчакович**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, Телефон: +992(37) 234-83-46 , +992(37) 234-85-46, (+992)934444107 (м.). E-mail: drrajab@mail.ru, www: www.tguk.tj.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**ҳуҷҷатнигории ДДТТ** **Мумтоз Назирӣ**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН * ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА ҲУҶҶАТНИГОРӢ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА